Тасдиқ мекунам
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор
_______________ Гулназарзода Ж.
“_27_” ____________ соли 2023

**ТАҚРИЗИ**

муассисаи пешбар ба рисолаи илмии Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна дар мавзуи “Асосҳои педагогии ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст

Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибистиқлол, демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ аст ва тарбияи ватанпарастию таҳкими ҳувияти миллии наврасону ҷавонон муҳимтарин воситаи ҳаракатдиҳандаи пешрафти ҷомеа ба ҳисоб меравад. Ҳаллу фасли пурсамари ин проблема ба он вобаста аст, ки то кадом дараҷа эҷодкорона аз ғояҳои пешқадами низоми педагогии гузаштаю муосир истифода бурда мешавад.

Ҷиҳати баррасии масъалаи мазкур яке аз вазифаи муҳимтарин ин аз захираи бузурги педагогикаи халқӣ ва анъанаҳои фарҳангӣ интихоб намудани арзишҳоест, ки метавонанд барои тарбияи насли наврас хизмат намоянд.

Аз ин лиҳоз, мавзуи таҳқиқотии интихобнамудаи Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна маҳз ба таҳқиқи раванди ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон мавриди истифодаи педагогикаи халқӣ бахшида шудааст. Вобаста ба фикрҳои фавқузикр, ба сифати мавзӯи диссертатсионӣ интихоб намудани мавзӯи “Асосҳои педагогии ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ” аз ҷониби унвонҷӯ Ризоева Нигинамо бамаврид мебошад.

Мубрамии мавзуи рисолаи илмиро дар даврони истиқлолият қабул гардидани санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва барномаҳои зиёд, аз ҷумлаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Қонуни

Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон», Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022”, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то солҳои 2020, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то солҳои 2030 мебошад, ки амалӣ гашта, дастовардҳои назаррас ба бор овардаанд.

Арзиши назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар рисола консепсияҳои педагогӣ ва иҷтимоии асосҳои педагогии ташаккули ҷаҳонбинии миллии насли наврас ҷамъбаст карда шудааст; моҳияти педагогии ибораи «ҷаҳонбинии миллӣ», мазмун ва ҷузъҳои сохтории он муайян карда мешавад; аҳамияти педагогикаи халқӣ ҳамчун эҳтиёҷоти ангезандае муайян карда мешавад, ки раванди ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасонро таъмин менамояд. Дар асоси назария ва муқаррароту хулосаҳои таҳияшуда «Барномаи ташаккули ҷаҳонбинии миллӣ тавассути педагогикаи халқӣ берун аз фаъолияти таълимӣ» таҳия ва амалӣ гардид. Барнома имкон медиҳад, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар машғулиятҳои беруназсинфӣ, инчунин гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ ба раванди иҷтимоию фарҳангӣ ҷалб карда шаванд, самараи ташаккули ҷаҳонбинии миллии насли наврасро таъмин намоянд.

Мавқеи муаллифи диссертатсия дар ҷустуҷӯи роҳу усулҳои ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон мавриди истифода аз арзишҳои миллии халқи тоҷик ифода ёфта, масъалаҳои мубрамии ҳувияти миллӣ дар осори файласуфон ва мутахассисони хориҷӣ Л.В.Колесникова, В.П.Комаров, Р.Г.Абдулатипов, А.О.Бороноев, Т.Ю.Бургомистрова, М.С.Джунусов, А.Н.Старина, К.Н.Хабибулин ва ватанӣ М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, К.Б.Кодиров, Б.Раҳимов, А.Нуров, Х.Раҳимзода, С.Сулаймонов, Б.Маҷидова, Н.Юнусова, Д.Латифзода, Ҷ.Файзализода, А.Мирализода ва дигарон ба мероси педагогии ниёгон рӯ оварданд ҳамаҷониба дида баромадааст.

Арзёбии муҳими диссертатсия на танҳо дар мураттабии баёни фикр ва забони фасеҳи он, баёни мантиқии фикр ва ақидаҳои асоснокро мансуб донистан, инчунин дар пешниҳодҳое, ки метавонанд ба сифати дастовардҳои нави илмӣ дар соҳаи илми педагогика дониста шаванд, ифода меёбад. Натиҷа ва хулосаи таҳқиқотро метавон ҳангоми таҳқиқи масъалаи ҷалби таваҷҷуҳи наврасон ба рӯйдодҳои иҷтимоию сиёсӣ ва омӯзиши анъанаҳои таърихию фарҳангии халқ, дар асоси таъсири эҳсосӣ

ба хонандагон тавассути азхудкунии дониш дар бораи мероси таърихию фарҳангии халқ, ба меъёрҳои ахлоқии рафторметавон истифода намуд.

Зимни таҳқиқот **вазифаҳои зерин** иҷро шуданд:

- вазъи феълии ҳамкории педагогии оила ва муассисаҳои таълимӣ дар баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ омӯхта шуд;
- фаъолияти падару модарон, муассисаҳои таълимӣ ва мақомоти дахлдору ҷомеа дар амалинамоии нақшаи чорабиниҳои мактабӣ таҳқиқ карда шуд;
- натиҷаи омӯзиш ва таҳқиқот тавассути баргузории семинар-машварат ва ҷамъомадҳои умумимактабӣ баррасӣ гардид;
- ҷиҳати минбаъд мақсадноку самарабахш ба роҳ мондани ҳамкории педагогии оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа ба масъулон, роҳбарият, роҳбарони синфҳо пешниҳоду тавсияҳо манзур карда шуд;
- бобати расондани ёрии амалию методӣ ба масъулон, роҳбарият, роҳбарони синфҳо ва омӯзгорон дастуру мақолаҳо таҳия гардиданд, ки пешниҳоди муассисаҳои таълимӣ карда мешавад.

Муҳаққиқ Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна мақсади таҳқиқот ва фарзияи онро дуруст муайян карда, барои анҷом додани пажӯҳиши илмӣ ҳаллу фасли проблемаҳои муҳимро аз зумраи муносибати нав ба ташаккули худшиносии наврасон дар асоси арзишҳои миллӣ таҳия ва татбиқ карда шаванд; наврасон ба чорабиниҳои беруназтаълимӣ барои омӯзиши мероси таърихию фарҳангии халқ, меъёрҳои ахлоқии рафтор шавқманд гарданд; барои ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон тавассути омӯзиши мероси намояндагони адабиёти классикӣ ва муосир, анъана ва оинҳои миллӣ «Барномаи ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон тавассути педагогикаи халқӣ дар фаъолияти беруназтаълимӣ» таҳия гардида, дар амалия мавриди санҷиш қарор дода шавад; шаклгирии ҳуввияти миллӣ чун воситаи ташаккули шахсияти комили наврасон дар ҳамкорӣ омӯзгорон, волидайн, фаъолони ҷамъиятӣ амалӣ гардад, ба нақша гирифтааст.

Қобили зикр аст, ки аз ҷониби унвонҷӯ "Барномаи ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон тавассути педагогикаи халқӣ берун аз фаъолияти таълимӣ" коркард ва асоснок шуда, тавсияҳои методӣ оид ба истифодаи он бо мисолҳои мушаххас оварда шудааст. Бояд қайд намоем, ки довталаб ҷиҳати ҳалли проблемаи таҳқиқ ва ошкорсозии ғояҳои ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ аз ашъори шоирону нависандагони классику муосир ва истифодаи онро дар тарбияи наврасон коркард намуда, ба вазифаҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштааш ноил гаштааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ** дар он ифода меёбад, ки дар рисола консепсияҳои педагогӣ ва иҷтимоии асосҳои педагогии ташаккули ҷаҳонбинии миллии насли наврас ҷамъбаст карда шудааст; моҳияти педагогии ибораи «ҷаҳонбинии миллӣ», мазмун ва ҷузъҳои сохтории он муайян карда мешавад; аҳамияти педагогикаи халқӣ ҳамчун эҳтиёҷоти ангезандае муайян карда мешавад, ки раванди ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасонро таъмин менамояд. Дар асоси назария ва муқаррароту хулосаҳои таҳияшуда «Барномаи ташаккули ҷаҳонбинии миллӣ тавассути педагогикаи халқӣ берун аз фаъолияти таълимӣ» таҳия ва амалӣ гардид. Барнома имкон медиҳад, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар машғулиятҳои беруназсинфӣ, инчунин фаъолони ҷамъиятӣ ба раванди иҷтимоию фарҳангӣ ҷалб карда шаванд, самараи ташаккули ҷаҳонбинии миллии насли наврасро таъмин намоянд.

Хеле бамаврид аст, ки саҳми шахсии довталабро барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар соҳаи тадқиқот бо таҳлили ҳамаҷонибаи мушкилот, пайвастагии мувофиқи тадқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ муайян карда мешавад; таҳлили миқдорӣ ва сифатии маълумоти бадастомада; истифодаи маҷмӯи усулҳои марбут ба ҳадаф ва вазифаҳои омӯзиш; таҳияи «Барномаи ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон тавассути педагогикаи халқӣ берун аз фаъолияти таълимӣ», ки ба раванди ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон тавассути омӯзиши амиқи мероси намояндагони адабиёти классикӣ ва муосир, анъана ва расму оин, ташкил ва баргузории ҷашнҳои миллӣ ва таҷрибаи шахсии корӣ дар Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат кардааст.

Омузиш ва таҳлили нуктаҳои асосии диссертатсия ба он далолат мекунанд, ки натиҷаҳои ба даст оварда метавонанд барои таҳқиқоти минбаъда оид ба масъалаҳои марбут ба шаклгирии ҳуввияти миллӣ чун воситаи ташаккули шахсияти комили наврасон дар ҳамкорӣ омӯзгорон, волидайн, фаъолони ҷамъиятӣ амалӣ гардад ба сифати пойгоҳи назариявӣ хидмат намоянд.

Натиҷаҳои асосии рисолаи илмӣ дар корҳои чопии муаллиф дарҷ ёфтаанд ва онҳо чандин маротиба дар ҷаласаҳои кафедраи педагогика Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ ироа гардиданд.

Аз ҷониби унвонҷӯй дар маҷаллаҳои илмӣ 8 мақола чоп карда шудааст, ки ххх-то он дар маҷаллаҳои аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда интишор ёфтаанд.

Мақолаҳо мазмуну муҳтавои рисоларо дар бар мегиранд.

Дастгоҳи илмӣ ва сохтори диссертатсия, автореферати он мувофиқи талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда дар сатҳи хуб таҳия гардида, муҳтавои автореферат ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

**Боби якуми диссертатсия Асосҳои назариявӣ-амалии ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон номгузорӣ гардида,** мавриди мураттабсозии боби мазкур муаллиф дар қайд менамояд, ки дар асоси дастовардҳои педагогикаи муосири тоҷик ва бо назардошти ақидаҳои педагогии ниёгон “Консепсияи миллии тарбияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳия шудааст, ки дар он тарбияи миллии мардум бори аввал ба таври консепсионӣ гузошта шуда, дарк ва ифтихори миллии шаҳрвандон боло гирифта, афкори умум ба амал меояд. Тарбияи миллӣ дар шаҳрванд сифатҳои баланди ахлоқӣ, ҳувияти миллӣ, инсондӯстӣ, озодандешӣ, мавқеи шаҳрвандӣ, ташаббускорӣ ва амсоли инро ташаккул медиҳад. Хеле бамаврид унвонҷӯ дар бораи он ки ҷаҳонбинӣ чист, дар сохтори шахсият чӣ мавқеъро ишғол мекунад, нуқтаҳои назари зиёдеро шарҳ додааст.

Мавзуи педагогикаи халқӣ – илм дар бораи таҷрибаи мардум оид ба тарбияи насли наврас, дар бораи тайёрии педагогӣ ба ҳаёт, зиндагӣ, ба зиндагонии оилавӣ, авлоду қабила, халқияту миллат мебошад. Муҳаққиқ қайд менамояд, ки маҳз тарбияи инсони комил дар педагогикаи муосири тоҷик бар асоси қадимтарин ақидаҳои педагогии ниёгон сурат мегирад ва яке аз бузургтарин сарҷашмаҳои он китоби муқаддаси ориёи бостон “Авасто” мебошад. Китоби муқаддаси “Авасто” “пиндори нек, гуфтори нек ва гуфтори нек”-ро тарғиб мекунад. Тарбияи миллии наврасон бе донистани маълумоти нисбатан васеъ, ки аз сарчашмаҳои гуногун мегиранд, имконнопазир аст ва ин сарчашмаҳо дар диссертатсия кушода дода шудаанд.

Муҳаққиқ мавриди баргузории мушоҳида, мавзӯъҳои соатҳои тарбиявӣ, чорабиниҳои муассисавӣ ва бернуазмуассисавӣ ба хулосае омадааст, ки тарбияи ҳисси худшиносии наврасон дар ҷомеа ҳамкории мактабу оила ва аҳли ҷамъиятро бо якдигар дар самти иҷрои вазифаи муҳими давлатӣ оид ба тарбияи насли наврас тақозо дорад. Дар раванди ташкили ҳамкориҳои педагогии оила ва муассисаи таълимӣ талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи

фарзанд» ба асос гирифта шудааст, ки дар он вазифа, ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафайн мушаххас дарҷ гардидааст.

Дар ин радиф бо такя ба мероси ниёгон ва бахрабардорӣ аз арзишҳо ва муқаддасоти дигари миллию умумибашарӣ комёбиҳои назаррасе дар тарбияи наврасон ба даст омаданд, ки боз ҳам рушд бахшидани онҳо вазифаи муқаддаси ҳар як фарди ҷомеаи муосир ҳисобида мешавад.

**Боби дуюми диссертатсия ба “Вазъи ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар замони муосир** бахшида шудааст. Қайд гардидааст, масъалаи таълиму тарбияи миллӣ аз ҷониби ҷомеа яке аз проблемаҳои муҳиму рӯзмарраи замони муосир ба ҳисоб рафта, паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоию сиёсиро дарбар мегирад. Дар ин навъи тарбия ҷомеа, муҳити гирду атроф, муносибати рафиқон ва талаботи ҷомеа нақши муҳим доранд. Тарбияи миллӣ, хусусиятҳои хоси худро дошта, ба ташаккули ҷаҳонбинии наврасону ҷавонон таъсири амиқ мерасонад. Аз ин лиҳоз тарбияи миллӣ дарк ва ифтихори миллии шаҳрвандонро афзун менамояд.

Дар таҳқиқоти педагогӣ се гурӯҳи усулҳои худтаъсиркунӣ зимни худтарбиякунии шахс нишон дода шудааст: худшиносӣ (омӯзиши шахсияти худ), худмушоҳидакунӣ, худтаҳлилкунӣ, худбаҳодиҳӣ. Кор оид ба ташаккули шуури шаҳрвандию ватандӯстии хонандагон аз таҳлили вазъи воқеии огоҳии хонандагон оғоз гардид. Мақсади омӯзиш муайян кардани худшиносии миллии хонандагон - муносибат нисбати одамон (эҳтироми калонсолон, муносибати дӯстона, ғамхорӣ, ростқавлӣ, таҳаммулпазирӣ) мебошад.

Корҳои озмоишӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, оид ба таҳлили назариявии сохтори худшиносии миллӣ имкон дод, ки меъёру нишондиҳандаҳои ташаккули масъалаи таҳқиқшаванда таҳия карда шавад. Аз ин таҳлили нишондихандаҳо бармеояд, ки барои ташаккули принсипхои баланди ахлоқӣ дар байни хонандагон нисбат ба проблемаи миллӣ ва фарҳанги миллӣ дар раванди тарбия низоми кори максаднок зарур аст.

Аз ин таҳлили нишондиҳандаҳо бармеояд, ки барои ташаккули принсипҳои баланди ахлоқӣ дар байни хонандагон нисбат ба проблемаи миллӣ ва фарҳанги миллӣ дар раванди тарбия низоми кори мақсаднок зарур аст.

Яке аз муҳимтарин вазифа дар рафти таҳқиқот иборат аз он аст, ки аз захираи бузурги таълимоти педагогии мутаффакирони форсу тоҷик ва анъанаҳои фарҳангӣ интихоб намудани маводе ҳаст, ки метавонад барои тарбияи босифати насли наврас мусоидат намояд. Зеро дар ҷомеаи

имрӯзаи тоҷик, ки ҳодисаҳои нохуши гузашта ба шууру психологияи сокинони ҷумҳурӣ, аз ҷумла ба наврасон ва ҷавонон таъсири манфӣ расонид, ин бағоят муҳим мебошад.

Зимни баргузории таҳқиқот дар ноҳияи Восеъ, шаҳрҳои Душанбе ва Кӯлоб барои баланд бардоштани сатҳи тарбияи наврасон, тарғибу ташвиқи одоби муошират, риояи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ ва дар рӯҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ ва ҷавонмардиву ахлоқи ҳамида ба воя расонидани наврасон корҳои зиёде ба анҷом расонида шуданд. Натиҷаи корҳои озмоишӣ дар ҷадвал ва диаграммаҳо оварда шудаанд. Аз натиҷаи баргузории тадкиқотхо метавон ба хулосае омад, ки фарзияи кор оид ба мақсад мувофиқ будани истифодаи фарҳангу анъанаҳои миллӣ дар ташаккули худшиносии наврасон тасдиқ гардид. Чунин корҳо ба фаъол гардидани фаъолияти миллӣ-ватандустии наврасон, афзудани шавқу ҳавас ба омӯзиши мероси мадании миллии халқи худ мусоидат карданд.

Муносибати педагогие, ки мо ба истифодаи барномаи фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии миллии хонандагони синфҳои 7-9 амалӣ гардидааст, ба фарҳанги миллӣ, анъанаҳо, арзишҳои миллӣ такя намуда, нисбат ба фарҳанги халқи худ муносибати арзишмандро дар наврасон парвариш менамояд.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилоотӣ методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлили мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, ки ба ҳадаф, фарзия, предмет, вазифа ва мантиқи таҳққот мувофиқанд, мувофиқ карда шуданд. Илова бар ин, натиҷаҳои асосии диссертатсия дар нашрияҳои илмии тақризшаванда ва маҷмуаи маводи конференсияҳо дар шакли мақола ва фишурдаҳои илмӣ ба табъ расидаанд.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи зарурӣ таҳия гардида, ба мазмуни диссертатсия мувофиқ аст ва доир ба моҳияти таҳқиқотии гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф тасаввуроти аниқро бозгӯ мекунад. Инчунин, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва мутассилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб, ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳу фаҳмо бароварда шудааст.

Дар умум, диссертатсияи Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна дар мавзуи "Тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (дар мисоли ашъори адибони ҳавзаи Кӯлоб), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили

фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст, таҳқикоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи педагогикаи ватанӣ мебошад.

Дар баробари дастовардҳои илмии назариявию амалии муҳаққиқ, дар диссертатсия норасоиҳои зерин дида мешаванд, ки зикри он характери тавсиявӣ дорад.

1. Пешниҳод мегардад, ки муҳаққиқ дар асоси натиҷаҳои бадастомада дар рисолаи илмӣ ва ё дар шакли алоҳида тавсияҳои методӣ барои омӯзгорон, волидон, мутахассисони соҳаи маориф дар маҳал ва оид ба ташаккули ҷаҳонбинии наврасон мураттаб ва пешниҳод намояд. Ин арзиши амалии таҳқиқотро боз ҳам афзунтар менамояд.
2. Муаллифи диссертатсия “Барномаи ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон тавассути педагогикаи халқӣ дар фаъолияти беруназзаълимӣ» коркард намуда, мавриди таҳқиқ қарор додааст. Бисёр хуб мебуд ва истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар амалия осону қулайтар мегашт, агар аз ҷониби муаллиф намунаи як ё ду соати тарбиявӣ ва ё ҷорабиние, ки тибқи Барномаи мазкур гузаронида шудааст, муфассалтар дар рисолаи илмӣ ҷой дода мешуд.
3. Дар рисолаи илмӣ бархе аз иқтибосҳои овардашуда аз кадом манбаъ истифода шуданд, таҳти рақамгузорӣ қарор наёфтаанд.
4. Дар матни диссертатсия ва автореферати он ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ва дар баъзе ҳолатҳо риоя нашудани муқаррароти Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар шудани сифати кор мусоидат хоҳад кард.

Ҳамзамон бояд қайд кард, ки камбудиҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмиву амалии диссертатсияро коста намегардонад. Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда диссертант далелу маводи заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст.

## ХУЛОСАИ ҶАМЪБАСТӢ

1. Диссертатсияи Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна дар мавзуи “Асосҳои педагогии ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ”кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шудааст.
2. Довталаб ба ҳадафи дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда ноил шуда, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.
3. Рисолаи илмӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти

№267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пурра мувофиқат мекунад.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода бо иштироки Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна баррасӣ ва муҳокима гардида, тақризи мазкур якдилона тариқи овоздиҳии кушоди ҳозирин тасдиқ карда шуд (қарори №3 аз 25. ноябри соли 2023)

Раиси ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Шоҳиён Н.Н.

Экспертҳо:
И.в. мудири кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода,
номзади илмҳои географӣ, и.в. дотсент Қодиров Ш.С.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент. Қаюмов А.Ҷ.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Шарифов М.Ғ.

Котиби ҷаласа Нураҳмадзода Д.

25.11.2023

**Маълумот барои тамос: Нишонӣ:** 734019. ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
Тел.: +992 372325000; Факс: +992 372325003; Сомона: www.ddzt.tj

Имзои Шоҳиён Нуралӣ Набот, Қодиров Шарифалӣ Саидқулович, Қаюмов Абдулмаъин Ҷумаъхонович, Шарифов Муҳсин Ғаффорович ва Нураҳмадзода Дилафрӯзро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадр ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода **Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна**